# Стратегияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон



## Тағйир додани рафтор ва амалисозии ташаббусҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон










Spotlight Initiative
To eliminate violence against women and girls

5 ГЕНДЕРНОЕ РАВЕНСТВО

ш. Душанбе, 2022

**Стратегияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии** «Тағйир додани рафтор ва амалисозии ташаббусҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон» дар чорчӯбаи Ташаббуси Нури рӯшноӣ дар Тоҷикистон – Ташаббуси муштараки ИА ва СММ оид ба решакан намудани зӯроварӣ нисбати занону духтарон дар доираи ҷузъи «Ташкили мактаби фаъолони гендерӣ; Таҳияи стратегияи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба тағйир додани рафтор нисбати зӯроварии гендерӣ, оварда мерасонад, инчунин Амалисозии ташаббусҳои стратегия, ки ба пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон нигаронида шудаанд, ки ташкилоти «СММ-Занҳо» ва шарики миллӣ ТҶ «Гендер ва Тараққиёт» амалӣ менамоянд, таҳия гардидааст.

## Мундариҷа

**Истилоҳ ва ихтисораҳои истифодашуда**..........5

**Муқаддима**..........6

**I. Ҷанбаҳои консепсиявии Стратегия: усулҳо ва методологияҳо** ..........9

1.1. Таҳлили вазъият оид ба зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ..........10

1.2. SWOT- таҳлил ..........14

1.3. Ковид-19 ва сулҳофарӣ..........22

**II. Рисолат** ..........26

**III. Арзишҳо**..........26

**IV. Ҳадафи стратегӣ**..........26

**V. Вазифаҳо барои ба даст овардани ҳадафи стратегӣ** .......... 27

**5.1. Вазифаи 1** Тақвияти таъсири ТҶШ ба равандҳои қабули қарорҳо барои пешгирии ЗШГ ва ҳимояи ҷабрдидагон..........27

Самтҳои фаъолият барои иҷрои Вазифаи 1 ..........28

**5.2. Вазифаи 2** Мусоидат ба бартарафсозии қолабҳои манфие, ки боиси ЗШГ нисбати ҳамаи занону духтарон, аз ҷумла занону духтароне, ки дар байни аҳолӣ дучори ҳуқуқпоймолкунии чандтарафа мегарданд, аз ҷумла намояндагони мақомоти давлатӣ..........28

Самтҳои фаъолият барои иҷрои Вазифаи 2..........28

**VI. Нақши ТҶШ дар иҷрои Стратегия** ..........29

**VII.Устуворӣ ва рушд** .......... 30

**Замима: Нақшаи амалиёт** оид ба Стратегияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (ТҶШ), ки ба тағйир додани рафтор ва амалисозии ташаббусҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон равона карда шудааст .......... 31

# Истилоҳ ва ихтисораҳои истифодашуда

| | |
|---|---|
| **Адвокатсия** | Стратегияи ҳамкорӣ бо шахсоне, ки дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ қарор қабул мекунанд, бо мақсади ворид намудани тағйиротҳо (*аз нав дида баромадан ё бекор кардани сиёсат ё ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки ба ҳалли самараноки мушкилот монеъ мешаванд, инчунин барои таъмини маблағгузорӣ ва стратегияҳои мусоид*) [1] |
| **ВА** | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВАО** | Воситаҳои ахбори омма |
| **ВКД** | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВНМО** | Вируси норасоии масунияти одам |
| **ЗГВ** | Занони гирифтори ВНМО |
| **ЗМ** | Занҳои маъюб |
| **ЗШГ** | Зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ |
| **КБҲЗ** | Кумита оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон |
| **ККЗО** | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ |
| **ПГ** | Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СО** | Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷичикистон |
| **ТоҷСтат** | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ТҶ** | Ташкилотҳои ҷамъиятӣ |
| **ТҶШ** | Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| **ҲРУ** | Ҳадафҳои рушди устувор |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Иштирокчиёни калидӣ** | Сохторҳои давлатӣ, Шарикони рушд |
| **Шарикони рушд** | Аъзоёни Гурӯҳи гендерии мавзӯии ташкилотҳои байналмилалӣ |

[1] Дастуруламал барои таҳия ва амалисозии стратегияи адвокативӣ. // Дастуруламал аз ҷониби агентии ҷавонон барои мусоидат ба рушди Restless Development («Рушди муттасил») бо иштироки шабакаи шарикони ташкилотҳои ҷавонон ПАКТ ва ЮНЭЙДС. – 2015 таҳия гардидааст. https://clck.ru/ak4Jv

# Муқаддима

*Хомӯш нашинед.*
*Чун шоҳиди содир шудани зӯроварӣ нисбати зан гардед,*
*бепарво набошед. Амал намоед.*
*Пан Ги Мун*

Дар Тавсияи умумии № 19 дар бораи зӯроварӣ нисбати занон, ки соли 1992 дар иҷлосияи ёздаҳуми Кумитаи СММ оид ба барҳам додани ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон (Кумита) қабул карда шудааст, Кумита аниқ намудааст, ки мафҳуми ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон, ки таърифи он дар моддаи 1 Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон вуҷуд дорад, зӯроварии гендериро [2] низ дар бар мегирад ва чунин ҳуқуқпоймолкунӣ вайронкунии ҳуқуқи инсон, хусусан ҳуқуқи занон яба шумор меравад.

Зӯроварии гендерӣ зуҳуроти дар ҳама ҷо паҳншудаест, ки дар шаклҳои зиёди бо якдигар алоқаманд ва такроршаванда содир карда мешавад, воқеан, дар шароити чӣ бахши хусусӣ ва чӣ бахши давлатӣ, аз он ҷумла дар шароити муқовимати технологӣ ба он. [3] Дар олами муосири глобалӣ он аз ҳудуди марзҳои миллӣ берун мебароял.

Кумита дар Тавсияи умумии № 35 дар бораи зӯроварии гендерӣ нисбати занон, ки барои нав кардани Тавсияи умумии № 19 таъйин шудааст, саҳми ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, хусусан ташкилотҳои ғайриҳукуматии занонро, ки ба барҳам додани зӯроварии гендерӣ нисбати занон диққати аввалиндараҷа медиҳанд ва ба туфайли фаъолияти худ ба соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ таъсири ҷиддӣ расонда, зӯроварии гендерӣ нисбати занонро ба сифати яке аз намудҳои вайронкунии ҳуқуқи инсон эътироф мекунанд ва қабули қонуну стратегияҳои мубориза бо онро зарур мешуморанд, таъкид намуд. [4] Кумита моҳи октябри соли 2018 дар хулосаҳои хотимавии худ оид ба маърӯзаи даврии шашуми Ҳукумати Тоҷикистон дар назди Кумита таъкид бар он дошт, ки дар Тоҷикистон низ ТҶШ ҳамин гуна нақш мебозанд.

Кумита ба Тоҷикистон дар масъалаҳои ЗШГ ҷиҳати беҳтар намудани вазъият як қатор тавсияҳо дод, аз ҷумла:

a) тезонидани қабули қонунгузорие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳамаи шаклҳои зӯроварии гендерӣ, аз он ҷумла зӯроварӣ дар оила, таҷовуз ҳангоми дар ақди никоҳ будан ва зӯроварии шаҳвонӣ ҳангоми дар ақди никоҳ будан ва берун аз ақди никоҳ пешбинӣ менамояд;

b) гузарондани таҳқиқ оид ба дараҷаи паҳншавии зӯроварии гендерӣ нисбати занону духтарон, назорат ба он ки таҳқиқи мазкур занҳои дар деҳот истиқоматкунанда ва занону духтаронеро, ки ба гурӯҳҳои дигари дар вазъияти номусоид қарордошта мансубанд, фаро гирад;

[2] Зӯроварии гендерӣ – зӯроварие, ки нисбати зан аз сабаби зан будани ӯ содир карда мешавад, ё зӯроварие, ки ба занҳо таъсири нобаробарандоза мерасонад.

[3] Ниг. баённомаи 68/181 Ассамблеяи Генералӣ таҳти унвони «Тарғиби Изҳорот дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва мақомоти ҷамъиятӣ барои дастгирӣ ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи инсон ва озодиҳои асосӣ: ҳимояи занон-ҳомиёни ҳуқуқ ва шахсоне, ки ҳуқуқҳои инсонии занонро ҷонибдорӣ менамоянд»; маърузаи Гурӯҳи корӣ оид ба робитаи бисёрҷониба ва масъалаҳои гендерии Комиссияи робитаи бисёрҷониба ба манфиати рушди устувор, ки таҳти раисии муштараки Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва Сохтори Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон («СММ-Занон») амал мекунад, таҳти унвони «Зӯроварӣ нисбати занону духтарон дар Интернет: мушкилоти диққатталаби умумиҷаҳонӣ», октябри соли 2015; ва хулосаҳои мувофиқашудаи иҷлосияи 57-уми Комиссия оид ба вазъи занон (E/2013/27, боби I, фасли A).

[4] Банди 4 Тавсияи умумии КБҲЗ № 35 дар бораи зӯроварии гендерӣ нисбати занон, ки барои нав кардани тавсияи умумии №19 таъйин гардида, 27 июли соли 2017 қабул шудааст.

c) таҳияи стратегияи фарогир ва нақшаи амалиёт оид ба решакан намудани ҳамаи шаклҳои зӯроварии гендерӣ нисбати занон дар асоси натиҷаҳои таҳқиқи дар боло зикршуда ва таъмини амалисозӣ, назорат ва арзёбии пурраи натиҷаҳои ин стратегия ва нақшаи амалиёт;

d) таъмини татбиқи самараноки Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар солҳои 2014-2023», назорати доимӣ ба амалигардонии онҳо ва ҷудо намудани маблағҳои зарурии буҷетӣ барои ин мақсадҳо;

e) аз буҷети давлатӣ ҷудо кардани маблағ барои расондани ёрии ройгони ҳуқуқӣ, аз ҷумла барои намояндагӣ дар суд, ёрии тиббӣ, психологӣ ва психологию иҷтимоӣ, манзил, барномаҳои тавонбахшӣ ва бозҳамгирой барои ҳамаи занону духтароне, ки дучори зӯроварии гендерӣ гардидаанд, аз ҷумла дар ноҳияҳои деҳот, ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар бораи миқдори ҷабрдидагоне, ки чунин ёрӣ гирифтаанд, мувофиқи синну сол, мансубияти этникӣ ва минтақаи ҷуғрофӣ;

f) гузарондани чорабиниҳои мақсадноки ҳатмӣ оид ба таҳкими нерӯ дар соҳаи пешгирӣ ва ошкорсозии ҳамаи шаклҳои зӯроварии гендерӣ, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила, инчунин ба онҳо вокуниш нишон додани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, кормандони тиббӣ ва иҷтимоӣ ва дигар мутахассисоне, ки бо масъалаҳои зӯроварии гендерӣ машғул буда, бо ҷабрдидагон ҳамкорӣ мекунанд, аз он ҷумла дар деҳот;

g) доимо баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳли ҷомеа дар бораи ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ аз рӯйи ҷинс, хизматрасониҳои мавҷудбуда, усулу мақсадҳои гирифтани ин хизматрасониҳо, инчунин дар бораи амалҳои дахлдори мақомоти ҳокимият, аз ҷумла политсия ва судҳои миллӣ, назорат ба чунин фаъолият ва арзёбии натиҷаҳои он;

h) баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии маълумот аз ҷониби мақомоти ҳокимият дар бораи парвандаҳо аз рӯйи ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарон, аз ҷумла бо роҳи тақсим намудани чунин маълумот аз рӯйи намудҳои зӯроварӣ, шахсияти ҳуқуқвайронкунанда, синну сол ва мансубияти этникии ҷабрдида ва натиҷаҳои баррасии ин парвандаҳо, инчунин аз рӯйи миқдори шикоятҳои воридшуда, тафтишот ва таъқиби ҷиноятии гузарондашуда ва ҳукмҳои баровардашуда.[5]

**Стратегия** аз ҷониби ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо назардошти тавсияҳои дар боло зикршудаи Кумита таҳия шуда, ба тағйир додани рафтори аҳли васеи ҷомеа ва амалисозии ташаббусҳои ТҶШ оид ба пешгирии зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ нисбати занону духтарон равона карда шудааст.

**Субъектҳои Стратегия** ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ТҶШ) мебошанд, ки дар самтҳои гуногуни соҳаи пешгирии зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ (ЗШГ) нисбати занону духтарон ва ҳимояи онҳо кор мекунанд.

Заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро, аз ҷумла ТҶШ, ҳамкории онҳоро

[5] Б. 26 Хулосаҳои хотимавии КБҲЗ аз рӯйи маърӯзаи шашуми даврии Тоҷикистон, ки Кумита дар иҷлосияи ҳафтоду якуми худ (22 октябр – 9 ноябри соли 2018) қабул кардааст.

бо ҳамдигар, бо мақомоти давлатӣ ва Шарикони рушд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Моддаи 28), Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд. Оид ба масъалаҳои ЗШГ дар Стратегияи Миллии Рушди ҶТ (СМР 2030) ба сифати яке аз механизмҳо дар соҳаи кам кардани нобаробарии иҷтимоӣ ташкили сохтори нав оид ба ҳамоҳангсозӣ ва васеъ намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо бахши шаҳрвандӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва ёрӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ пешбинӣ гардидааст.

**Мо эътимод дорем, ки**, *ТҶШ қувваи пешбарандае мебошанд, ки барои ба даст овардани дигаргуниҳои мусбат дар ҷомеа ҷидду ҷаҳд менамоянд.*

**Субъектҳои Стратегия ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандие мебошанд, ки дар самтҳои гуногун кор мекунанд, ба монанди:**

- **ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ,**
- **ташкилотҳое, ки дар соҳаи ЗШГ хизмат мерасонанд,**
- **ташкилотҳои шахсони дорои маъюбият;**
- **ташкилотҳои ҷавонон ва дигар ташкилотҳо,**

Самтҳои фаъолияти ТҶШ дар соҳаи ЗШГ басо гуногун буда, ҳар кадоме аз онҳо метавонад дар роҳи барҳам додани ЗШГ салоҳият, маҳорат ва малакаҳои гуногун нишон диҳад.

Ҳамкории зичи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо сохторҳои давлатӣ ва шарикони рушд дар масъалаи пешбурди ҳуқуқҳои инсон, баробарии гендерӣ ва пешгирии ЗШГ гарави фаъолияти самараноки онҳо ба ҳисоб меравад.

Намояндагони ТҶШ аҳамияти ситезаҷӯӣ ва мушкилоти ЗШГ-ро дарк намуда, саъю кӯшиши худро баҳри ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати зӯроварӣ муттаҳид намуданд. Ворид карда шудани тағйиротҳои дахлдор ба қонунгузории ҷумҳурӣ, аз ҷумла қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ба Кодекси ҷиноятии ҶТ (КҶ ҶТ) ворид карда шудани «ҷазо барои шиканҷа» ва ғайра ба туфайли саъю кӯшиши якҷояи ТҶШ имконпазир гардид.

Пандемияи Ковид-19 **мисоли равшани** фаъолияти созандаи ТҶШ, зудамалии он, қобилияти қабул кардани қарорҳои ғайристандартӣ дар масъалаи вокуниш ба омилҳои берунӣ, омодагӣ ба ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад. Дар лаҳзаҳои бӯҳрон ва нобасомониҳои иҷтимоӣ, вақте ки ҳокимият ва мақомоти расмӣ ҳамаи мушкилоту душвориҳоро ҳал карда наметавонанд, одатан ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъол гардида, вакууми бавуҷудомадаро пур мекунад. Бинобар ин ниҳодҳои шаҳрвандӣ на фақат ба ҳокимият ёрӣ мерасонанд, балки як қатор вазифаҳои онро ба зиммаи худ мегиранд, то ки талаботу дархостҳои аҳолии аз бӯҳрон зарардидаро қонеъ гардонанд.[6] Тибқи арзёбии Маърӯзачии махсус оид ба масъалаи ҳуқуқ барои озодии маҷлисҳои осоишта ва озодии ассотсиатсияҳо Клемент Ниалетсосси Вуле «*ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаи ёрӣ расондан ба давлатҳо*

[6] П.Муллоҷонов. Ҷомаеи шаҳрвандии Тоҷикистон дар давраи пандемия ва баъд аз он: мушкилоти асосӣ ва пешомадҳои рушд. https://goo-gl.me/60lWb

*дар таҳияи сиёсати фарогир, паҳн намудани иттилоот ва дастгирии гурӯҳҳои аз ҳама осебпазири аҳолӣ нақши калидӣ мебозанд».*[7]

Вале имкониятҳои ТҶШ бо сабаби вуҷуд доштани монеаҳои дохилӣ ва берунӣ мавриди пурраи истифода қарор нагирифтаанд. Ба фикри мо, муайян кардани ҳадафҳои стратегии аниқ, шаффоф ва андозашаванда дар соҳаи ЗШГ ба ТҶШ имкон медиҳад, ки ҳамкориро бо якдигар, бо сохторҳои давлатӣ ва шарикони рушд беҳтар ба роҳ монда, бо мақсади барҳам додани ЗШГ дар Тоҷикистон платформаҳои миллӣ ва иттифоқи ТҶШ-ро пурқувват намоянд, ки ин бо Ҳадафи панҷуми Рушди Устувор (ҲРУ) пурра мувофиқат мекунад.

Ҳадафҳои Стратегия, аз ҷумла Нақшаи чорабиниҳо, ки дар ин ҳуҷҷат инъикос ёфтаанд, аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаҳои ТҶШ ва шарикони рушд дар давоми моҳҳои сентябр-декабри соли 2021 таҳия карда шуданд. Бо назардошти вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони муосир, ки Тоҷикистон низ як ҷузъи он ба шумор меравад, қарор қабул карда шуд, ки мӯҳлати иҷрои Стратегия дар давраи миёнамуҳлат аз 1 январи соли 2022, то охири соли 2024 муқаррар карда шавад.

# I. Ҷанбаҳои консепсиявии Стратегия: усулҳо ва методология

Ҳангоми таҳияи стратегия ва гузарондани тадқиқоту таҳлилҳои дахлдор принсипу усулҳои зерин ба ҳамчун асос қабул карда шуданд:

1) **Ҷалбсозӣ:** Машварат бо коршиносон, намояндагони ТҶШ-и гуногун, ки дар соҳаи ЗШГ кор мекунанд, инчунин бо шарикони рушд. То баргузории вохӯрии бевосита бо ТҶШ, Саволнома оид ба проблемаҳои мавҷудаи ТҶШ дар соҳаи ЗШГ ва роҳҳои ҳалли онҳо пешакӣ таҳия намуда, дар байни ТҶШ паҳн карда шуд.

2) **Муносибати объективона**: Вохӯрӣ бо намояндагони тарафҳои манфиатдори гуногун оид ба ЗШГ имкон дод, ки манзараи объективии проблемаҳои ташаккули таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати ЗШГ ва роҳҳои ҳалли онҳо омода карда шавад.

3) **Тавзеҳи муфассал:** Ҳангоми муҳокимаи Стратегия аз вилояту ноҳияҳои гуногуни мамлакат ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ даъват карда шуданд. Ин усул имкон дод, ки дар асоси таҷрибаи кори онҳо дар соҳаи ЗШГ камбудиҳои ҷойдошта, умедвориҳо ва имкониятҳо пурра дарк карда шаванд.

4) **Муносибати навоварона:** Муттаҳид намудани донишу таҷриба ва малакаҳои амалии ТҶШ бо назардошти усулҳои муосири ба нақша гирифташудаи ҳамкориҳои коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти ТҶШ ҷиҳати ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати ЗШГ ва ба даст овардани натиҷаҳои воқеӣ дар самти такмил додани қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин тағйир додани меъёрҳои иҷтимоӣ, вақте ки ҷомеа ҳама гуна рафтори зӯровариро дар масъалаи ЗШГ инкор мекунад, пурзӯр карда шавад.

5) **Иҷропазирӣ:** Дар рафти таҳияи Стратегия вазъи воқеӣ ва мавҷудияти захираҳо,

[7] https://news.un.org/ru/story/2020/04/1376052

инчунин дарачаи ичропазирии эҳтимолии амалҳо ва нақшаҳо ба назар гирифта шуданд.

Раванди таҳияи стратегия аз силсилаи амалҳои пайдарпай иборат буд: дар марҳалаи аввал – ҷамъоварии иттилоот барои таҳлили вазъият, дар марҳалаи дуюм – ташаккул додани ҷанбаҳои калидии стратегия дар асоси натиҷаҳои пурсиш дар байни ТҶШ, машваратҳо, SWOT-таҳлил ва муҳокимаҳо.

**Расми # 1: Нақшаи алгоритми амалиёт дар рафти таҳияи Стратегия**




## 1.1. Таҳлили вазъият оид ба зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ

**Дастовардҳо.** Ҳукумати чумҳурӣ ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои занон аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Тоҷикистон дар фазои пасошӯравӣ яке аз аввалин мамлакатҳое мебошад, ки моҳи декабри соли 1993 Конвенсияро дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон ба тасвиб расонд. Соли 2006 доираи ваколатҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ЧТ (КҚЗО), ки соли 1991 ташкил ёфтааст, васеъ карда шуд. Дар натиҷа кумита мақоми марказие гардид, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон амалӣ менамояд. ККЗО дорои ваколатҳои зиёд мебошад, аз ҷумла: фароҳам овардани шароит барои татбиқи баробарҳуқуқии занон, баррасии масъалаҳои иштироки занон дар ҳаёти ичтимоию иқтисодии мамлакат ва амаликунии хизматрасониҳои давлатӣ.[8]

Соли 2010 ба Кодекси оила ислоҳот даровардашуд, ки тибқи он синни поёнии никоҳӣ дар 18-солагӣ муқаррар гардид, ки ин ба талаботи КБҲЗ мувофиқат мекунад. Соли 2013 ба туфайли саъю кӯшиши фаъолонаи ТҶШ Қонун ЧТ«Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» қабул карда шуд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар қатори самтҳои афзалиятнок инҳо номбар гардидаанд:

[8] Арзёбии минтақавии гендерӣ: Тоҷикистон // Бонки Рушди Осиё. – 2016.

«паст намудани нобаробарии гендерӣ дар асоси такмили сиёсат оид ба таъмини воқеии баробарии гендерӣ; пешгирии ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон»[9]. Дар қатори самтҳои асосии фаъолият инҳо зикр гардидаанд: а) рушди заминаҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва расондани кумак ба қурбониёни зӯроварӣ; б) ташкили ниҳодҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва вусъат додани фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва ёрӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ; в) васеъ намудани доираи тадбирҳо оид ба таъмини дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ ба занону духтаронигирифтори зӯроварӣ; г) такмил додани омори гендерӣ ва бунёди махзани маҷмӯӣ оид ба тамоми шаклҳои зӯроварӣ; д) таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба тағйирдиҳии идрок ва шаклҳои рафторе, ки хушунатро нисбати занон ва духтарон асоснок мекунанд.



**Мушкилот.** Умуман, масъалаҳои ЗШГ, сарфи назар аз тадбирҳои дар сатҳи сиёсат ва қонунгузорӣ андешидашуда, аз як тараф мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб раванд, аз тарафи дигар мушкилоте мебошанд, ки миқёси онро аз сабаби вуҷуд надоштани маълумоти пурра ва ягонаи оморӣ то охир дарк намудан маҳол аст. Як қатор далелҳоеро номбар мекунем, ки бо масъалаҳои баробарии гендерӣ ва ЗШГ алоқамананд.

**Рейтинг.** Тибқи Индекси нобаробарии гендерӣ (ИНГ) дар соли 2020, Тоҷикистон дар байни 153 мамлакат аз сабаби нишондиҳандаҳои баланди нобаробариҳои ноодилонаи гендерӣ ҷои 137-ум, аз сабаби нобаробарищои ноодилонаи иқтисодӣ нисбати занҳо – ҷои 134-ум, аз сабаби дастрасии одилона надоштани занҳо ба таҳсилот – ҷои 123-юмро ишғол мекунад[10]. Дар мамлакат меъёрҳои гендерии анъанавӣ ва падаршоҳӣ барқарор мегарданд[11], ки ин фаъолиятнокии занҳоро суст намуда, дастрасии онҳоро ба таҳсил ва пайдо намудани ҷои корро барои онҳо душвор мегардонад[12]. Сатҳи баландтарини қашшоқӣ дар хонаводаҳое мушоҳида карда мешавад, ки дар онҳо нақши асосиро занҳо ё шахсони бемаълумот мебозанд, инчунин дар хонаводаҳои серкӯдак[13].

**Омор.** Ҳоло маълумоти расмии оморие, ки дар сомонаи Агентии омор (ТоҷСтат) оид ба зӯроварӣ дар Тоҷикистон чоп карда мешавад, аз ду манбаъ ташаккул меёбад: а) маълумоти Таҳқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон (ТТДТ), б) маълумоти маъмурие, ки сохторҳои давлатӣ ҷамъоварӣ карда

[9] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030.

[10] Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ. Ҳисобот дар бораи тафовути гендерӣ 2020.

[11] Винтон Омалеки, Элизабет Рид. Нақши гендер барои саломатии занон дар Осиёи Марказӣ: шарҳи адабиёт, Форуми байналмилалии тадқиқотҳои занон, 2019.

[12] Бонки рушди Осиё. Арзёбии минтақавии гендерии Тоҷикистон. 2016.

[13] https://eca.unwomen.org/en/where-we-are/tajikistan Accessed 2 April 2020

(танҳо сетои онҳо оид ба зӯроварӣ маълумот ҷамъ мекунанд – ВКД, Прокуратура, Суди Олӣ), ба Агентии омор пешниҳод менамоянд[14].

Тибқи маълумоти ТТДТ, фоизи занҳое, ки аз синни 15-солагӣ дучори зӯроварии ҷисмонӣ гардидаанд, аз 18.8%-и соли 2012 дар соли 2017 то 23.7% зиёд гардид. Фоизи занҳое низ, ки дар давоми 12 моҳи охир аз зӯроварӣ ҷабр дидаанд, аз 13%-и соли 2012 дар соли 2017 то 17 % афзуд. Фоизи занҳое, ки аз синни 15-солагӣ дучори зӯроварии ҷисмонӣ гардидаанд, вобаста ба минтақа фарқ мекунад: аз 9% занҳо дар Душанбе то 36% занҳо дар вилояти Хатлон. Фоизи занҳое, ки зӯроварии шаҳвониро аз сар гузарондаанд, дар 2002-юм 3.7%, дар соли 2017-ум бошад, 1.6%-ро ташкил дод. Дар айни замон занҳои аз шавҳарашон ҷудошуда назар ба занҳои шавҳардор бештар дар бораи зӯроварии шаҳвонӣ хабар медиҳанд: соли 2012 – 4.7% (шавҳардор) ва 8.6% (ҷудошуда/бевазанҳо), соли 2017 – мувофиқан 2.0% ва 3.9%[15]. Тибқи маълумоти омори ҷаҳонӣ, зӯроварии шаҳвонӣ аз ҷониби шарики маҳрамӣ бештар содир карда мешавад, назар ба шахси бегона – мувофиқан 24.0% ва 6.0%. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бевосита худи занҳо на ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ дар оиларо чун зӯроварӣ қабул мекунанд.



Мувофиқи маълумоти ВКД, дар соли 2012 55 ҳодисаи таҷовуз ё суиқасд ба таҷовуз, дар соли 2017 – 53 чунин ҳодиса ба қайд гирифта шудааст. Умуман, маълумоти омории дастрасиашон оммавӣ оид ба намудҳои гуногуни ҷиноятҳое иттилоот пешниҳод мекунанд, ки ба зӯроварӣ нисбати занону духтарон дар оила ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дахл доранд. Аммо ин маълумотҳо ба категорияи зӯроварии гендерӣ, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила дохил карда нашудаанд.

Ҳоло миқёси зӯроварии шаҳвонию гендериро муайян кардан душвор аст, аз ҷумла бо сабаби вуҷуд надоштани дастрасии оммавӣ ба иттилоот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, маълумоти марказҳои бӯҳронӣ/панохгоҳҳо (чи давлатӣ ва чи ТҶШ), инчунин маълумоти ташкилотҳое, ки ябо масъалаҳои ЗШГ машғуланд.

**Сиёсат ва қонунҳо.** Барномаи қабулшудаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила мубориза бо зӯроварии гендериро дар маҷмуъ фаро намегирад. Индикаторҳои барномаи мазкур танҳо нишондиҳандаҳои миқдориро оид ба раванди иҷрои чорабиниҳо (миқдори муроҷиатҳои шаҳрвандонеро, ки дучори ҳуқуқпоймолкунӣ ва зӯроварӣ дар оила гардидаанд; миқдори марказҳои кӯмакрасонӣ; миқдори нозирон оид ба зӯроварӣ дар оила, миқдори чорабиниҳои иттилоотӣ ва ғ.) андозагирӣ менамоянд, индикаторҳои натиҷа ва таъсир бошанд, вуҷуд надоранд. Дар натиҷа баъди анҷом ёфтани барнома дар асоси чунин индикаторҳо баҳо додан душвор аст, ки оё зӯроварӣ

[14] Ба Агентии омор танҳо аз рӯйи моддаҳои Кодекси ҷиноятии ҶТ маълумот фиристода мешавад.

[15] Агентии омори назди Президенти ҶТ, ВТҲИА ҶТ ва ICF (2018) Тадқиқоти тиббию демографии ҶТ 2017.

дар оила кам шуд ва муносибати аҳолӣ нисбати зӯроварӣ дар оила чӣ тавр тағйир ёфт. Инчунин аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ намудани тадбирҳои ба нақша гирифташуда пешбинӣ нагардидааст.

Стратегияи фарогири мубориза бо ҳамаи шаклҳои зӯроварии гендерӣ нисбати занон вуҷуд надорад. Дар конунгузорӣ мафҳумҳои: зӯроварии гендерӣ, тамаъҷуии шаҳвонӣ, аз ҷумла дар ҷойи кор, муайян карда нашудаанд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии



зӯроварӣ дар оила» як қатор норасоиҳое ҷой доранд, ки ба иҷрои самарноки қонуни мазкур монеъ мешаванд. То ҳанӯз зӯроварӣ дар оила ва тамаъҷӯии шаҳвонӣ ба қатори кирдорҳои ҷиноятӣ дохил карда нашудаанд.

Дастрасии ҷабрдидагони зӯроварӣ ба адолати судӣ маҳдуд аст. Парвандаҳои ҷиноятие, ки асосан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мекушоянд, парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ мебошанд. Шахси аз зӯроварӣ ҷабрдида маҷбур аст, ки худаш далел ҷамъ кунад, аз ҳисоби худ экспертиза гузаронад, манфиатҳои худро дар суд ҳимоя намояд. Кормандони милитсия аризаи ҷабрдидаро бо дили нохоҳам қабул мекунанд, вазифаҳои худро на ҳама вақт ӯҳдабароёна  ба ҷо меоранд, аксари вақт бо шахсоне, ки зӯроварӣ содир намудаанд, сӯҳбатҳои тарбиявӣ гузаронда намешаванд, амрномаи муҳофизатӣ баъди чанд рӯзи содир гардидани зӯроварӣ дода мешавад, на дар давоми 24 соат, чӣ тавре ки дар қонун нишон дода шудааст. Аз ҷониби ВКД таъсири амрномаҳои муҳофизатӣ арзёбӣ карда нашудааст. Дар давоми ин раванд зани аз зӯроварӣ ҷабрдида аз ҷиҳати иқтисодӣ аз шахси зӯроварикарда ё оилаи ӯ вобаста мебошад, ба вай ёрии ҳуқуқии ройгон расонда намешавад, дар қонун таъкид нагардидааст, ки ҳама гуна робита бо ҷабрдида дар давоми амали амрномаи муҳофизатӣ манъ карда шавад. Дар аксари мавридҳо ҷабрдидагони зӯроварӣ одамони камсаводанд, ба онҳо паноҳгоҳ пешниҳод карда намешавад, онҳо ҷойи зист надоранд. Судҳо масъалаи ҷуброни зарари маънавиро баррасӣ намекунанд, ба он истинод менамоянд, ки ҷабрдида дар ин хусус дархост накардааст, ҷабрдида бошад, дар ин хусус шояд чизе надонад, чунки тибқи меъёрҳои КҶП ҶТ ба вай, чун ба шахси ҷабрдида, аз ҳисоби давлат адвокат дода намешавад[16].



**Меъёрҳои иҷтимоӣ.** Маълумотҳои тадқиқотии мавҷуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки фикри «зан ба хотири нигоҳ доштани оила бояд ба зӯроварӣ тоқат кунад»-ро  97% мардҳо ва 72% занҳо тарафдорӣ мекунанд[17]. Ин маълумотҳо муносибати аҳолиро

[16] Маърузаи алтернативии сеюми ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон оид ба амалигардонии Конвенсияи оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон .- С.5 https://tbinternet.ohchr.org/Treaties/CEDAW/Shared%20Documents/TJK/INT_CEDAW_CSS_TJK_32550_R.pdf

[17] Натиҷаҳои тазқиқоте, ки моҳи декабри соли 2015 з тарафи  Zerkalo-Analytics гузаронида шуд. Маърифат, муносибат ва таҷрибаи қабули нақшзои гендерӣ ва зуроварии гендерӣ дар 6 ноҳияи Тоҷикистон //Оксфам. – 2016.



нисбати зӯроварӣ, чун шакли мақбули муносибати ҳамдигарии байни таҷовузгар ва ҷабрдида, инъикос мекунанд, рафтори зӯроваронаи таҷовузгар бошад, маҳкум карда намешавад.

Як қатор ҳодисаҳои фоҷианоки солҳои охир, ки дар воситаҳои ахбори омма мавриди муҳокима қарор гирифтаанд, ба монанди:

- ҳалокати Руфайда [18]
- парванда аз рӯйи ҳодисаи таҷовуз ба номус дар Ҳисор [19]
- кейс бо Мадина [20]

нишон медиҳанд, ки аҳли ҷомеа фақат ҷиноятҳо нисбати кӯдаконро чун кирдори ноҷоиз арзёбӣ намуда, онро маҳкум менамоянд.




Агар гап дар бораи ҷиноятҳо нисбати занон равад, пас аҳли ҷомеа дар ин хусус ду фикри ба якдигар муқобил дорад: маҳкум намудани ҷинояткор ва виктимизатсияи ҷабрдида. Дар ин маврид худи зани ҷабрдида, ки, ба фикри аҳли ҷомеа, зӯровариро барангехтааст, маҳкум карда мешавад.

## 1.2. SWOT- таҳлил [21] [22]

Дар марҳалаи аввал ҷанбаҳои қавӣ ва заифи субъекти Стратегия таҳлил карда шуданд.



**Ҷанбаҳои қавӣ ва заифи.** Барои пурзӯр намудани амалҳо дар соҳаи ЗШГ ва ба даст овардани дигаргуниҳои мусбӣзарур аст, ки худи ниҳоди ТҶШ мустаҳкам карда шавад – ин аввалин хулосаи калидиест, ки дар асоси таҳлили дар поён овардашудаи ҷанбаҳои қавӣ ва заифӣ, ки худи ТҶШ гузаронда, коршиносон тавассути фикру мулоҳизаи худ тасдиқ намудаанд, бароварда шудааст.

Захираҳои инсонии суст барқароркардашаванда бевосита дар худи ТҶШ ва дар айни ҳол вуҷуд

[18] Фоҷиаи оилаи Иноятовҳо: чӣ тавр Руфайдаи 8-сола ба лонаи дарранда афтид// https://tj.sputniknews.ru/20210722/tajikistan-ubiystvo-devochka-rufeyda-1040927142.html

[19] Парвандаро дар бораи таҷовуз ба номуси духтарча дар Ҳисор Суди олӣ тахти назорат гирифт// https://tj.sputniknews.ru/20210719/delo-iznasilovanie-gissar-verhovnyy-sud-1041010977.html

[20] Зан маъшуқаи шавҳарашро зада маҷруҳ кард. "Парвандаи Мадина Тоҷикистонро ба ларза овард"//https://kaktus.media/doc/448806_jenshina_pokalechila_lubovnicy_myja._delo_madiny_potriaslo_tadjikistan.html

[21] Ихтисораи SWOT аз англисӣ чунин тарҷума мешавад: Strengthen – Нерӯ, Weaknesses – Заифӣ, Opportunities – Имкониятҳо, Threats – Таҳдидҳо. Дар маҷмуъ ин усул барои таҳлили ҷанбаҳои қавӣ ва заиф, инчунин имкониятҳо ва таҳдидҳо ёрӣ расонда, ҷузъи банақшагирии стратегӣ ба шумор меравад.

[22] Таҳлили вазъият дар робита бо Ковид-19 ва Сулҳофарӣ баъди анҷом ёфтани корҳои асосӣ ҷиҳати таҳияи Стратегияи ТҶШ амалӣ карда шуд. Бинобар ин фасл оид ба мавзӯъҳои мазкур алоҳида пешниҳод карда мешавад.

надоштани имконияти такмили ихтисос дар сатҳи системавӣ боиси сустшавии ТҶШ аз дохил мегардад. Инчунин мавҷуд набудани низоми мубодилаи доимии иттилоот дар байни ташкилотҳое, ки дар сатҳи миллӣ фаъолият мекунанд, ва ташкилотҳое, ки дар сатҳи вилоят/ноҳия кор мекунанд, омили ҷиддиест, ки ба самаранокии фаъолияти ТҶШ таъсир мерасонад.

| S = ҶАНБАҲОИ ҚАВӢ | W = ҶАНБАҲОИ ЗАИФӢ |
|---|---|
| Таҷрибаи андӯхташудаи хизматрасонӣ ба ҷабрдидагони ЗШГ | Вуҷуд надоштани Стратегияи ягонаи кор дар соҳаи ЗШГ |
| Шакли (формаи) бақайдгирии муроҷиатҳо оид ба ЗШГ вуҷуд дорад | Парокандагии ТҶШ, такрори лоиҳаҳои якдигар |
| Таҷрибаи андӯхташудаи кори иттилоотӣ бо аҳолӣ ва сохторҳои давлатӣ | Вуҷуд надоштани идомати наслҳо (ҷавонону духтарон ба кори ТҶШ суст ҷалб карда мешаванд) |
| Омода будан ба муттаҳидӣ | Ноустувории молиявии ТҶШ |
| ТҶШ-и пурқувват, бренди машҳур, боварии аҳолӣ, сохторҳои давлатӣ ва шарикони рушд ба ТҶШ | 1. Захираҳои инсонӣ: а) нокифоя будани нерӯи таҳлилии намояндагони ТҶШ; б) нарасидани коршиносон; в) корро тарк намудани мутахассисон;<br>2. Имконият надоштани кормандони ТҶШ барои мунтазам такмил додани донишҳои худ |
| Фаъолони қавии гендерӣ, ки дар байни иштирокчиёни асосӣ маъруфият доранд ва ба туфайли ин метавонанд оид ба масъалаҳои зерин чорабиниҳои таблиғӣ гузаронанд (адвокатсия кунанд): а) ҷалб намудани диққат ба мушкилоти ЗШГ; б) тағйир додани қонунгузорӣ | Маҳдуд будани миқдори ҶТ дар ноҳияҳои дурдаст |
| Иттиҳоду шабакаҳои пурқувват (“Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ”, Лигаи занони дорои маъюбият, “Шабакаи Тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО”, “Шабакаи мубориза бо шиканҷа”) | Ҳуҷҷатгузории суст: на ҳама талаботи қонунгузорӣ ва шарикони рушд риоя карда, ба назар гирифта мешавад |
| Таҷрибаи адвокатсияи байналмилалӣ (пешниҳоди Маърузаҳои алтернативӣ) | Вуҷуд надоштани Мактаби ТҶШ, ки дар он таҷриба, дониш, талабот ба ҳуҷҷатгузорӣ ва ғ. ҷамъ карда мешаванд. |
| Таҷрибаи андӯхташудаи хизматрасонӣ ба ҷабрдидаи ЗШГ | ТҶШ аз фаъолияти якдигар огоҳӣ надоранд Вуҷуд надоштани Стратегияи ягонаи кор дар соҳаи ЗШГ |

| O = ИМКОНИЯТҲО | T = ТАҲДИДҲО |
|---|---|
| Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва дигар барномаҳои давлатие, ки чораҳоро оид ба ЗШГ-ро дар бар мегиранд. | Барои шахсоне, ки қарор қабул мекунанд, масъалаҳои ЗШГ афзалиятнок нестанд |
| Вуҷуд доштани камаш 3 зергурӯҳ барои тағйир додани қонунгузорӣ (ККЗО, ВА ҶТ, ПГ ҶТ). | Коррупсия дар сохторҳои давлатӣ |
| ТҶШ-ҳои пуркувват/машҳур ба ҳайати Шӯроҳои ҷамъиятии назди Ҳукуматҳои вилоятҳо/ноҳияҳо дохил мешаванд. | ТҶШ ба сифати шарикони баробар аз тарафи: а) сохторҳои давлатӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо/барномаҳо/СМҲ; б) шарикони рушд ҳангоми таҳияи Нақшаҳои фаъолият қабул карда намешаванд. |
| Санаҳои тақвимие, ки дар онҳо мушкилотро ба маълумоти аҳли васеи ҷомеа расондан мумкин аст | Қолабҳои гендерие, ки рафтори зӯроваронаро ҳақ мешуморанд, бо сабабҳои зерин дар байни аҳолӣ, сохторҳои давлатӣ ва ВАО васеъ паҳн шудаанд: а) сатҳи пасти саводи ҳуқуқии аҳолӣ; б) меъёрҳои иҷтимоие, ки рафтори зӯроваронаро ҳақ мешуморанд; в) тафсири нодурусти қонунҳои ислом; г) инъикоси нодурусти масъалаҳои ЗШГ дар ВАО |
| Лоиҳаи Нури Рӯшноӣ, ки аз ҷониби Ҳукумат дастгирӣ ёфтааст ва ТҶШ-ро ҷалб менамояд | Шахси аз ЗШГ ҷабрдида ба сохторҳои давлатӣ/ТҶШ боварӣ надорад, ӯ намефаҳмад, ки зӯроварӣ «меъёри иҷтимоӣ» нест |
| Шарикони рушд паҳнкунандагони таҷрибаи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, баробарҳуқуқии гендерӣ ва дастгирии ТҶШ мебошанд | Вуҷуд надоштани чораҳои самарабахши қонунгузорӣ барои ҳимояи шахсони аз ЗШГ ҷабрдида (мавҷуд набудани ёрии ройгони ҳуқуқӣ, ҷиноят ҳисоб карда нашудани ЗШГ, дастрасии маҳдуд ба адолати судӣ) |
| Дар назди ВКД Шӯроҳои Ҷамъиятӣ амал мекунанд, ки ТҶШ оид ба ЗШГ-ро дар бар мегиранд | Вуҷуд надоштани хизматрасониҳои тавонбахшии давлатӣ барои шахсони аз ЗШГ ҷабрдида |
| Ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ ва шарикии устувор | Номукаммалии Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» |
| Вуҷуд доштани Стратегияи рушди омори ҶТ, ки дар он оид ба омори гендерӣ банди алоҳида ҷудо карда шудааст | Коҳиш ёфтани миқдори ташкилотҳои донорӣ дар ҶТ |
| Имконияти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои пешбурди арзишҳои баробарии гендерӣ (сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ) | Ба ТҶШ давра ба давра фишор овардани ташкилотҳои буҷетӣ ва дигар мақомоти давлатӣ |
| Лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятии ҶТ бо дохил намудани моддаи алоҳидае, ки барои зӯроварӣ дар оила ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд | Барои таҳлил, мониторинг ва арзёбӣ ба махзани оморӣ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ дастрасӣ вуҷуд надорад |

[19] Аббревиатура SWOT переводится с английского как Strengthen – Сила, Weaknesses – Слабость, Opportunities – Возможности, Threats – Угрозы. В совокупности этот подход позволяет провести анализ сильных-слабых сторон, а также возможностей-угроз и является частью стратегического планирования.

[20] Анализ ситуации, связанный с Ковид-19 и Миростроительству был реализован после завершения основных работ по разработке Стратегии ОГО. В связи с этим раздел по указанным темам приводится отдельно

**Инчунин таҳдидҳои берунӣ ва имкониятҳо**, ки ба иҷрои Стратегия таъсири мусбӣ ё манфӣ расонда метавонанд, муайян ва таҳлил карда шуданд.

Таҳдидҳои калидии зерин асоси таҳлилро ташкил доданд:

- аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва шарикони рушд эътироф карда нашудани ТҶШ ҳамчун шарики баробар. Ин имконият намедиҳад, ки қувваҳо муттаҳид карда шуда, амалҳо барои ворид намудани тағйиротҳои мусбӣ ба ЗШГ ҳамоҳангсозӣ карда шаванд;
- сохторҳои давлатӣ ва қисми зиёди аҳли ҷомеа ЗШГ-ро мавзӯи муҳим ва чандон афзалиятнок намешуморанд;
- устувории қолабҳои манфии гендерӣ барои такроршавии кирдорҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарон замина муҳайё мекунад.



**Хулосаҳо дар асоси SWOT-таҳлил**. Дар асоси SWOT-таҳлил барои пурзӯр намудани ҷанбаҳои заифӣ бо ёрии ҷанбаҳои қавӣ чорабиниҳои имконпазир муҳокима карда шуданд. Инчунин барои кам кардани таҳдидҳо бо истифода аз имкониятҳои беруна амалҳои имконпазир муайян карда шуданд.

| S = ҶАНБАҲОИ ҚАВӢ | Оё бо ин кор кардан мумкин аст | ЧӢ КОР КАРДАН ЛОЗИМ АСТ? |
|---|---|---|
| Таҷрибаи андӯхташуда: а) оид ба хизматрасонӣ ба шахсони аз ЗШГ ҷабрдида; б) оид ба кори иттилоотӣ бо аҳолӣ ва сохторҳои давлатӣ | Ҳа | Мубодилаи таҷриба дар байни ТҶШ: а) сафарҳои омӯзишӣ, б) муттаҳид намудани таҷрибаҳои беҳтарин – ҷамъоварии маводи иттилоотӣ, тафтиш намудани он, ки оё ин маводро барои тағйир додани рафтори зӯроварона истифода бурдан мумкин аст, ба стандарти ягона мувофиқ кунондани маводи иттилоотӣ |
| Шакли (формаи) бақайдгирии муроҷиатҳо дар бораи ЗШГ вуҷуд дорад | Ҳа | Такмил додан ва паҳн намудани ин шакл (форма) дар байни ТҶШ, ки дар соҳаи ЗШГ хизмат мерасонанд |
| Омода будан ба муттаҳидшавӣ | Ҳа | 1. Ташкили шабакае, ки Иттифоқҳо/Лигаҳоро дар бар мегирад, интихоб намудани Шӯрои ҳамоҳангсозӣ, ки ҳамаи намояндагон ба он шомил мешаванд. Барои шаффофият ва холисият муайян кардани мӯҳлати Ваколатҳои аъзоёни Шӯро;<br>2. Ташкили Мактаби ТҶШ<br>3. Ҳамкорӣ бо барномаи ELSAH (Empower Leadership on SDGs and Human Rights) |
| ТҶШ-и пуркувват, бренди машҳур, боварии аҳолӣ, сохторҳои давлатӣ ва шарикони рушд ба ТҶШ | Ҳа | |
| Фаъолони қавии гендерӣ, ки дар байни иштирокчиёни асосӣ маъруфият доранд ва ба туфайли ин метавонанд чорабиниҳои таблиғӣ гузаронанд (адвокатсия кунанд) | Ҳа | |
| Иттиҳоду шабакаҳои пуркувват (“Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ”, Лигаи занони дорои маъюбият, “Шабакаи Тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО”, “Шабакаи мубориза бо шиканҷа”) | Ҳа | |
| Таҷрибаи таблиғи (адвокатсияи) байналмилалӣ (пешниҳоди Маърӯзаҳои алтернативӣ) | Ҳа | Истифодаи усулҳои: а) пешниҳоди шикоятҳои инфиродӣ ба Кумитаҳои СММ (Оид ба ҳуқуқи инсон, Оид ба барҳам додани ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон); б) институти маърӯзачии махсус |
| **W = ҶАНБАҲОИ ЗАИФӢ** | | **ЧӢ КОР КАРДАН ЛОЗИМ АСТ?** |
| Вуҷуд надоштани Стратегияи ягонаи кор дар соҳаи ЗШГ | Ҳа | Тартиб додани Стратегияи ягона барои ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати ЗШГ, ки манфиати ҳамаи ТҶШ-и дар соҳаи ЗШГ коркунандаро ба назар мегирад |

| | | |
|---|---|---|
| Парокандагии ТҶШ, такрори лоиҳаҳои якдигар | Ҳа | а) Дар вилоятҳо/ноҳияҳои гуногун татбиқ намудани муносибати ягона дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаҳо;<br>б) амалисозии Лоиҳаҳои шабакавӣ |
| Захираҳои инсонӣ: нарасидани коршиносон/ корро тарк намудани мутахассисон, имконият надоштани кормандони ТҶШ барои мунтазам баланд бардоштани сатҳи дониши худ, вуҷуд надоштани идомати наслҳо (ҷавонону духтарон ба кори ТҶШ суст ҷалб карда мешаванд) | Ҳа | а) Таҳия ва татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ барои ташаккул додани эътирофи оммавӣ – грамотаҳо/тӯҳфаҳо аз Кумитаи кор бо занон/шариконии рушд ба ТҶШ, ки дар кор бо ЗШГ саҳми муҳим гузоштаанд; б) таҳияи Барномаи таълимӣ барои Мактаби ТҶШ; в) ҷалб намудани мутахассисон (махсусан ҷавонон) ба тарғиби арзиш ва аҳамияти баробарии гендерӣ |
| Ноустувории молиявии ТҶШ | Ҳа | а) Омӯхтани фандрайзинг (роҳҳои пайдо намудани маблағ); б) Соҳибкории иҷтимоӣ |
| Миқдори маҳдуди ТҒҲ дар ноҳияҳои дурдаст | Ҳа | а) Харитасозии ноҳияҳо барои муайян кардани маҳалҳое, ки дар онҳо ТҶШ оид ба ЗШГ нестанд/каманд; б) дар ин ноҳияҳо ба сарварони маҳаллӣ омӯзондани роҳҳои ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати ЗШГ; в) дар ноҳияҳои мазкур гузарондани чорабиниҳои иттилоотӣ; г) ташкили гурӯҳҳои муованат дар байни занҳо |
| Ҳуҷҷатгузории суст: на ҳама талаботи қонунгузорӣ ва шарикони рушд риоя карда, ба назар гирифта мешавад | Ҳа | а) Таҳияи варақаи тафтишӣ бо рӯйихати ҳуҷҷатҳои зарурӣ; в) дар платформаи умумии барои ҳамаи ТҶШ дастрас ҷой додани қолабҳои (шаблонҳои) ҳуҷҷатҳо, ки ба талаботи қонунгузорӣ в шарикони рушд ҷавобгӯ мебошанд |
| Барои таҳлил, мониторинг ва арзёбӣ ба махзани оморӣ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ дастрасӣ вуҷуд надорад | Ҳа | Бо иштироки Гурӯҳи Корӣ таблиғ (адвокатсия) намудани ташкили ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ доир ба мубодилаи маълумоти оморӣ |
| **О = ИМКОНИЯТҲО** | | **ЧӢ КОР КАРДАН ЛОЗИМ АСТ?** |
| Вуҷуд доштани Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва дигар барномаҳои давлатие, ки чораҳоро оид ба ЗШГ-ро дар бар мегиранд | Ҳа | а) истифода бурдан ҳангоми гузарондани таблиғи (адвокатсияи) тағйиротҳои зарурӣ ба қонунгузорӣ; б) ҳангоми иҷрои Лоиҳаҳо |
| Вуҷуд доштани камаш 3 зергурӯҳ барои тағйир додани қонунгузорӣ (Кумитаи кор бо занон, Вазорати адлия, Прокуратураи Генералӣ, ККЗО, ВА ҶТ, ПГ ҶТ)) | Ҳа | а) ҷамъоварии тавсияҳо оид ба тағйир додани қонунгузорӣ; б) пешниҳод намудани тавсияҳо ба Гурӯҳҳои кории амалкунандаи 3-юм барои адвокатсияи минбаъда; в) муҳокимаҳои ҷамъиятӣ |

| | | |
|---|---|---|
| ТҶШ-ҳои пурқувват/машҳур ба ҳайати Шӯроҳои ҷамъиятии назди Ҳукуматҳои вилоятҳо/ноҳияҳо дохил мешаванд; Дар назди ВКД Шӯроҳои Ҷамъиятӣ амал мекунанд, ки ТҶШ оид ба ЗШГ-ро дар бар мегиранд; Ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ, шарикии самаранок | Ҳа | а) Мубодилаи иттилоот дар шабака, то ки ТҶШ-и ба Шуроҳои Ҷамъиятӣ аъзобуда оид ба ЗШГ чорабиниҳои дахлдоре гузаронанд, ки ба ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати ЗШГ равона гардидаанд; б) Истифода ҳангоми иҷрои фаъолият |
| Санаҳои тақвимие, ки дар онҳо мушкилотро ба маълумоти аҳли ҷомеа расондан мумкин аст | Ҳа | Шабакаи иштирокчиёни Стратегия метавонад махзани омориро барои ташаккул додани муносибати ягона нисбати чорабиниҳои иттилоотӣ дар вилоятҳо/ноҳияҳои гуногун истифода барад |
| Лоиҳаи Нури Рӯшноӣ, ки аз ҷониби Ҳукумат дастгирӣ ёфтааст ва ТҶШ-ро ҷалб менамояд | Ҳа | Лоиҳаҳоро оид ба тағйир додани рафтори зӯроварона дар чаҳорчӯбаи ин Ташаббус дастгирӣ ва амалӣ кардан мумкин аст |
| Шарикони рушд паҳнкунандагони таҷрибаи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, баробарҳуқуқии гендерӣ ва дастгирии ТҶШ мебошанд | Ҳа | Стратегияи таҳияшуда ба Гурӯҳи Мавзӯии Гендерии шарикони рушд пешниҳод карда мешавад |
| Лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятии ҶТ бо дохил намудани моддаи алоҳидае, ки барои зӯроварӣ дар оила ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд | | Мусоидат ба ташаккул додани фаҳмиши ногузирии ҷазо барои зӯроварӣ |
| **Т = ТАҲДИДҲО** | | **Чӣ кор кардан лозим аст?** |
| Барои шахсоне, ки қарор қабул мекунанд, масъа лаҳои ЗШГ афзалиятнок нестанд | Ҳа | а) Гузарондани чорабиниҳои иттилоотӣ барои тасдиқ намудани аҳамияти мушкилот; б) адвокатсияи байналмилалӣ (таҳияи Маърӯзаҳои алтернативӣ, пешниҳоди шикоятҳои инфиродӣ, мурочиат ба маърӯзачии махсус) ва васеъ инъикос намудани чорабиниҳои мазкур ва вокунишҳо оид ба ЗШГ (ВАО-и чопӣ, телевизионӣ, радиоӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и Интернетӣ) |
| Инҳо ТҶШ-ро ба сифати шарикони баробар баррасӣ намекунанд: а) сохторҳои давлатӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо/барномаҳо/СМҲ; б) шарикони рушд ҳангоми таҳияи Нақшаҳо ТҶШ-ро ба таври доимӣ ҷалб намекунанд | Ҳа | а) Ба иштирокчиёни асосӣ пешниҳод намудани Стратегия бо мақсади даъват ба ҳамкорӣ; б) Мурочиат ба Парламент; б) Мурочиат ба Прокуратураи Генералӣ; в) иштирок дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ ва парламентӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Қолабҳои гендерие, ки рафтори зӯроваронаро хақ мешуморанд, бо сабабҳои зерин дар байни аҳолӣ, сохторҳои давлатӣ ва ВАО васеъ паҳн шудаанд: а) сатҳи пасти саводи ҳуқуқии аҳолӣ; б) меъёрҳои иҷтимоие, ки рафтори зӯроваронаро хақ мешуморанд; в) тафсири нодурусти қонунҳои ислом; г) инъикоси нодурусти масъалаҳои ЗШГ дар ВАО | Ҳа | а) Ташкили контенти босифати иттилоотӣ, ки ба тағйир додани рафтори зӯроварона ва ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати ЗШГ, аз ҷумла муносибати ислом нисбати ЗШГ равона гардидааст; б) истифодаи контент дар чорабиниҳои иттилоотӣ; в) ташкили видеокурс барои ба журналистон омӯзондани роҳҳои инъикоси ЗШГ |
| Коҳиш ёфтани миқдори ташкилотҳои донорӣ дар ҶТ | Ҳа | а) ба ТҶШ омӯзондани роҳҳои истифодаи ниҳоди фармоишоти давлатӣ, инчунин гузарондани мубодилаи таҷриба дар байни ТҶШ оид ба истифодаи ниҳоди фармоишоти давлатӣ; б) ҷалб намудани бахши хусусӣ; в) омӯзондани роҳҳои пайдо намудани маблағ (фандрайзинг) ва ҷустуҷӯ намудани фондҳо дар хориҷа |
| Вуҷуд надоштани чораҳои самарабахши қонунгузорӣ барои ҳимояи шахсони аз ЗШГ ҷабрдида: мавҷуд набудани ёрии ройгони ҳуқуқӣ, ҷиноят ҳисоб карда нашудани ЗШГ, дастрасии маҳдуд ба адолати судӣ; номукаммалии Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» | Ҳа | а) ташкил ва пешбурди кейсҳои стратегӣ (маводи таълимӣ оид ба вазъиятҳои мушаххас) барои ҳимояи ҷабрдидагони ЗШГ; б) таблиғи ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ тавассути гурӯҳҳои корӣ ва платформаҳои дигар |
| Коррупсия дар сохторҳои давлатӣ | Не | |

Ҳамин тариқ, дар асоси SWOT-таҳлил, машваратҳо бо коршиносон, намояндагони ТҶШ аз вилоятҳо ва ноҳияҳои гуногун муайян карда шуд, ки тағйиротҳои мусбиро дар соҳаи ЗШГ тавассути самтҳои асосии зерин ба даст овардан мумкин аст:

- такмил додани қонунгузорӣ ва СМҲ;
- тағйир додани мафкураи аҳли ҷомеа дар бораи қолабҳои гендерӣ ва рафтори зӯроварона дар соҳаи ЗШГ;
- мусоидат ва паҳн намудани иттилоот дар бораи ногузирии ҷазо барои ЗШГ;
- расондани хизматҳои босифат ба шахсоне, ки аз ЗШГ ҷабр дидаанд.

## 1.3. Ковид-19 ва Сулҳофарӣ [23]

Фасли мазкур аз лиҳози консепсиявӣ бо тавсифи вазъият, амалкард ва таҷрибаи андӯхтаи ТҶШ дар шароитҳои ғайристандартӣ, вақте ки саъю кӯшишро сафарбар намудан ва қарорҳои таъхирнопазир қабул кардан лозим меояд, муттаҳид карда шудааст. Дар ин Стратегия шароитҳои ғайристандартӣ гуфта, ҳодисаҳои солҳои охир – пандемияи Ковид-19, низоъҳои наздисарҳадии ҳам маҳаллӣ (дар сарҳадҳои Тоҷикистону Қирғизистон ва Тоҷикистону Афғонистон) ва ҳам байналмилалӣ (мухолифати Россияю Украина) фаҳмида мешавад.

Дар масъалаҳои ба танзим даровардани низоъҳо ва сулҳофарӣ чунин санадҳои байналмилалӣ ба сифати стандарт хизмат мекунанд:

- Қарори 1325 (2000), ки Шӯрои Амният онро 31 октябри соли 2000 қабул кардааст[24];
- Қарори 2242 (2015), ки Шӯрои Амният онро 13 октябри соли 2015 қабул кардааст [25]

Санадҳои мазкур барои қабул намудани Нақшаи миллии амалиёт (НМА) оид ба иҷрои қарорҳои №1325 ва №2242 асос гардиданд[26]. Ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи ЗШГ ва пешгирии он кор мекунанд, ба таҳияи Лоиҳаи НМА фаъолона ҷалб карда шуданд. Масалан, бо дастгирии СММ-занон моҳи декабри соли 2018 бо иштироки коршиноси байналмилалӣ оид ба таҳияи самтҳои асосии нақшаи нави амалиёт (НМА) семинар гузаронда шуд. Моҳҳои апрел ва майи соли 2019 дар бораи таъмини робитаи ҳамдигарии лоиҳаи НМА бо барномаи дарозмуҳлати рушд ва муҳокимаи лоиҳаи Нақшаи миллии амалиёти ҶТ барои солҳои 2019-2022 оид ба иҷрои қарорҳои №1325 ва № 2242 машваратҳои миллӣ баргузор карда шуданд[27].

### Хатарҳо бо таъсири вазъиятҳои ғайристандартӣ

COVID-19. Моҳи марти соли 2020 Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) пандемия эълон намуд, ки он дар натиҷаи эпидемияи COVID-19 пайдо шудааст. Тибқи арзёбии коршиносони Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) бухрони COVID-19 пешрафти даҳсоларо барои занону духтарон зери таҳдид гузошт, ба сатҳи даромад, шуғл ва имконияти занон ба таҳсил таъсири беандоза зиёд расонд, илова бар ин талаботро ба парастории бемузди аъзоёни оила зиёд намуд ва «пандемияи соягии» зӯроварии гендериро пурзӯр намуд[28].

Мувофиқи маълумоти Маркази бухронии «Гулрухсор» (ш.Хуҷанд), дар нимаи дуюми соли 2020 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45% афзоиш ёфтани шумораи муроҷиатҳо ба қайд гирифта шуд. Қурбониёни зӯроварии оилавӣ, ки дар Паноҳгоҳи ин марказ ҷойгир карда шудаанд, аз гурӯҳҳо ва категорияҳои гуногуни иҷтимоӣ буданд (занҳои ҳомила, занҳои пиронсол, занҳои дорои кӯдакони хурдсол ва ғ.). Агар дар моҳи апрели соли 2020 ҳамагӣ 50 муроҷиат ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар моҳи май танҳо бо телефони боварӣ 142 муроҷиат ба қайд гирифта шуд. Омори умумии муроҷиатҳо ба Марказ аз моҳи июн то 9 июли соли 2020 294 ҳодисаро ташкил дод.

Дар шароити пандемия суръати тараққиёти иқтисодӣ суст шуд, интиқоли маблағ аз

[23] Чорабиниҳо аз рӯйи ин Фасл ба Нақшаи амалиёт оид ба иҷрои Стратегияи ТҶШ ҳамроҳ карда шудаанд.

[24] https://www.osce.org/files/f/documents/d/d/75309.pdf

[25] https://www.refworld.org.ru/publisher,UNSC,,,5620980b4,0.html

[26] Соли 2014 аввалин Нақшаи миллии панҷсолаи амалиёт қабул карда шуд. Соли 2019 Нақшаи дуюми миллии панҷсолаи амалиёт қабул гардид.

[27] Ҳисоботи алтернативии Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Аз баробарии ҳуқуқӣ - ба баробарии воқеӣ» оид ба иҷрои Платформаи амалиёти Пекин +25. – Душанбе, 2019. https://ngocsw.org/wp-content/uploads/2019/09/Tajikistan-NGO-Report-Beijing25-in-Russian.pdf

[28] Баробарии гендерӣ ва COVID-19: чораҳои сиёсат ва ниҳодҳо барои паст кардани бухрон // Масъалаҳои буҷет. Силсилаи махсуси мақолаҳо оид ба COVID-19 // IMF, UN Women, UNDP. – Июли с. 2021.

муҳоҷирони меҳнатӣ якбора коҳиш ёфт, дар давоми як сол қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА ба 16,6% (то 11.3 сомонӣ ба як доллар) паст гардид, ки ин аз соли 2015 инҷониб дараҷаи пасттарин ба шумор меравад, болоравии нархҳо дар бозори истеъмолӣ ба қайд гирифта шуд [29]. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ вазъи молиявии хонаводаҳоро ноустувор гардонд. Занҳо аз сабаби дастрасии маҳдудашон ба намудҳои гуногуни захираҳо, вобастагии иқтисодиашон аз шавҳар ё дигар аъзоёни хонавода, таъсири қолабҳои гендерӣ ба проблемаҳои боз ҳам калонтар дучор гардиданд. Тибқи натиҷаҳои тадқиқоти Бонки ҷаҳонӣ «Тоҷикистонро шунида», ҳиссаи посухдиҳандагоне, ки дар бораи бад шудани вазъи молиявии оилаашон хабар доданд, аз 8% моҳи март дар моҳи майи соли 2020 қариб то 23% зиёд гардид.

Маҳдудиятҳо дар шароити пандемия ба дастрасии занҳо ба намудҳои гуногуни хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ, инчунин хизматрасониҳое, ки бо намудҳои дигари бемориҳо алоқаманд мебошанд, таъсир расонданд.  Тибқи маълумоти тадқиқоти Бонки ҷаҳонӣ, қариб 28% хонаводаҳо қайд карданд, ки дар моҳи майи соли 2020 ба ёрии тиббӣ мухтоҷ буданд, 17,5% онҳо иброз доштанд, ки ин ёриро гирифта натавонистанд. Хусусан вазъияти занҳои гирифтори ВНМО (ЗГВ), дорои маъюбият ва дигар гурӯҳҳои осебпазир, ки то пандемия дар масъалаи ба кор даромадан, маоши хуб гирифтан, гирифтани ёрии зарурии иҷтимоӣ, аз ҷумла гирифтани кӯмакпулиҳои ҳармоҳа барои кӯдакони гирифтори ВНМО ва бо ғизои сунъӣ, маҷмуи хизматрасониҳои тиббӣ ва    машваратҳои психологӣ таъмин намудани кӯдакони навзоди модарони гирифтори ВНМО душворӣ мекашиданд, хеле мураккаб гардид.

Тибқи натиҷаҳои арзёбии таъҷилии таъсири COVID-19 ба саломатӣ ва некӯаҳволии занони гирифтори ВНМО, ки тобистони соли 2020 аз ҷониби ТҶ «Шабакаи занони гирифтори ВНМО-и Тоҷикистон» гузаронда шуда буд, 43%-и занон ба чунин ақида розӣ нестанд, ки онҳо худи ҳамон хизматҳоеро мегиранд, ки ҳар як зани дигар ҳангоми муроҷиат кардан барои хизматрасонӣ бинобар аҳволи саломатиаш дар вақти пандемия мегирад.  Дар баробари ин тақрибан 59% посухдиҳандагон қайд намуданд, ки дар вақти пандемия ба зӯроварии аъзоёни оила дучор шуданд, аз ҷумла бо сабаби ташхиси ВНМО-и худ. 38% ЗГВ-и пурсидашуда иброз доштанд, ки дар вақти пандемия аз тарафи аҳли ҷомеа ба зӯроварӣ ва ҳуқуқпоймолкунӣ дучор гардиданд, аз ҷумла бо сабаби он, ки ба онҳо ташхиси ВНМО гузошта шудааст.

**Низоъҳо: дар Украина, дар сарҳадҳои Тоҷикистону Қирғизистон ва Тоҷикистону Афғонистон.** Низои мусаллаҳонае, ки моҳи феврали соли 2022 дар байни Украина ва Россия сар шуд, барои амнияти минтақа оқибатҳои ҷиддӣ дорад. Бо назардошти вобастагии иқтисодии Тоҷикистон аз Россия, бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки ин низоъ ба вазъияти иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Чӣ тавре ки натиҷаҳои пурсиши ТҶШ нишон медиҳанд, мухолифат дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистон ба чунин оқибатҳо бурда мерасонад: бадшавии вазъи иқтисодии аҳолӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ, ҳалокати одамон, афзоиши норозигии иҷтимоӣ.  Дар чунин вазъият зарурати зуд дигар кардани самту усулҳои фаъолият, дар сурате ки фаъолияти пештара дигар қобили қабул нест, яке аз

[26] Попов Д.С. Вазъияти дохилии сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити пандемияи COVID-19 // Проблемаҳои стратегияи миллӣ, №1 (64). – 2021.

роҳҳои ҳалли қазия ба шумор меравад, - қайд намуданд, аксарияти ТҶШ-и пурсидашуда. Стратегияҳои имконпазири ТҶШ аз инҳо иборат буда метавонад:

- инкишоф додани «дипломатияи мардумӣ», вақте ки барои созиш кунондан сарварони ҷомеаҳои маҳаллии ҳарду ҷониб ҷалб карда мешаванд;
- ҷалб намудани занон аз минтақаҳои наздисарҳадӣ ба равандҳои сулҳоварӣ барои кор бо аҳолӣ бо мақсади роҳ надодан ба авҷи минбаъдаи низоъ;
- гузарондани корҳои иттилоотӣ бо аҳолӣ оид ба тафтиши маълумоти иттилоотии ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ.

ТҶШ ба малакаҳои техникӣ ва таҷҳизоти коммуникатсионӣ талаботи зиёд доранд, хусусан вақте ки платформаҳои онлайнӣ усули аз ҳама зиёд истифодашавандаи таъсиррасонӣ ба шумор мераванд. Дар ин масъала хусусан ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандие, ки дар минтақаҳои деҳот фаъолият мекунанд, душворӣ мекашанд. Барои ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандие, ки дар минтақаҳои наздисарҳадӣ кор мекунанд, мушкилоти иловагӣ ба миён омад, аз ҷумла дар чунин масъалаҳо: сафар кардан ба ноҳияҳои зерҳадаф, мувофиқа намудани чорабиниҳо бо сохторҳои давлатӣ, кам шудани боварии аҳолӣ ба фаъолияти ТҶШ.

Барои гурӯҳҳои зерҳадафе, ки табақаҳои аз ҳама осебпазири аҳолиро намояндагӣ мекунанд, аз ҷумла ҷабрдидагони ЗШГ, шахсони дорои маъюбият, занони гирифтори ВНМО, надоштани маблағ барои маҳсулоти ғизоӣ, воситаҳои муҳофизати шахсӣ ва доруворӣ проблемаи ҷиддӣ гардид.

***Ҷадвали 1.*** *Мушкилоте, ки ТҶШ ва Гурӯҳҳои Зерҳадаф дар вақти пандемияи Ковид-19 бо онҳо дучор гардиданд.*[28]




***Манбаъ: натиҷаҳои пурсиши ТҶШ***

[28] https://rossaprimavera.ru/news/25b0b09d

### Тадбирҳои имконпазир

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили натиҷаҳои пурсиши намояндагони ТҶШ аз вилояту ноҳияҳои гуногун муайян карда шуд, ки дар вазъиятҳои ғайристандартӣ, аз ҷумла дар ҳалли масъалаи ЗШГ, чунин тадбирҳои асосиро роҳандозӣ кардан мумкин аст:

- Мониторинг ва арзёбии иҷрои «Нақшаи миллии чорабиниҳо барои иҷрои қарорҳои №1325 ва №2242 Шӯрои Амнияти СММ аз соли 2019» оид ба сулҳофарӣ;
- Анҷом додани корҳои иттилоотӣ бо журналистон ва аҳолӣ оид ба омӯзондани асосҳои тафтиши маълумоти иттилоотии ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади пешгирӣ намудани ташаннуҷи иҷтимоӣ дар вазъиятҳои ғайристандартӣ;
- Ба аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадӣ омӯзондани асосҳои сулҳофарӣ. Мусоидат ба ташкил намудани гурӯҳҳои сулҳофар аз зумраи сарварзанон;
- Таҳия намудани дастурамал барои ТҶШ оид ба алгоритми амалҳо дар вазъиятҳои ғайристандартӣ.

## Мо тасдиқ менамоем, ки

- Сиёсат ва Қонунҳое, ки рафтори зӯроваронаро чун ҷиноят баррасӣ мекунанд, ба аҳли ҷомеа мефаҳмонанд, ки зӯроварӣ амали номақбул ва сазовори ҷазост.
- Меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, ки рафтори зӯроваронаро номақбул мешуморанд, дар ҳаёти ҳамарӯза  ба содир гардидани ЗШГ имкон намедиҳанд.
- Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони ЗШГ бояд дар ҳама ҷо дастрас бошанд.

**Стратегияи ТҶШ** ба инҳо равона гардидааст:

- мубориза бо нобаробарии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки зӯроварӣ нисбати занону духтаронро ба вуҷуд меорад, ҳақ мешуморад ва ривоҷ медиҳад;
- мусоидат ба бартараф намудани омилҳои хатар, ки боиси зӯроварӣ нисбати занону духтарон гардида метавонанд;
- тақвият додани чораҳои пешгирикунанда, ки ба бартараф намудани меъёру амалҳои табъизии иҷтимоию фарҳангӣ равона гардидаанд.

## II. Рисолат

Мусоидат ба ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ нисбати ҳуқуқпоймолкунӣ ва зӯроварии гендерӣ  дар ҷомеа бо роҳи пурзӯр намудани ҳаракати ТҶШ барои пешгирӣ ва решакан намудани ЗШГ.

## III. Арзишҳо

» Шарикии баробар ва ҳамкорӣ

» Волоияти қонун

» Таҳаммулпазирӣ нисбати якдигар, эҳтироми фикри ҳар як шахс

» Риояи муносибати гендерӣ ва муносибате, ки ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст, ҳангоми банақшагирӣ, амалисозӣ, мониторинг ва арзёбии Стратегия ва ба даст овардани мақсаду вазифаҳои стратегӣ..

» Шаффофият дар фаъолият

» Масъулияти ҳар як шахс

» Кӯшиш барои ба даст овардани натиҷаҳои кор

» Ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ ва шарикони рушд.

## IV. Ҳадафи стратегӣ

Ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ ба ҳуқуқпоймолкунӣ ва зӯроварӣ нисбати ҳамаи занону духтарон, аз ҷумла занону духтароне, ки дучори ҳуқуқпоймолкунии чандтарафа мегарданд, ба воситаи муттаҳид ва мустаҳкам намудани нерӯйи ТҶШ, гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ (адвокатсия), такмил додани қонунгузорӣ ва рушди ҳамоҳангсозӣ дар байни иштирокчиёни асосӣ.  рӯйи

*Иштирокчиёни асосӣ: сохторҳои давлатӣ, ТҶШ ва шарикони рушд*

Стратегия ба як қатор муқаррароти калидӣ асос меёбад:

1. Ба даст овардани ҳадафи стратегӣ дар сурати мустаҳкам намудани ҳамкории зичи байни ТҶШ, чун ҷузъи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлат ва шарикони рушд имконпазир мегардад;

2. Омили асосии ЗШГ қолабҳои манфии гендерие мебошанд, ки ба зӯроварӣ роҳ медиҳанд ва онро ҳақ мешуморанд. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои асосии Стратегия мусоидат ба дигаргун кардани рафтори зӯроварона тавассути тағйир додани қолабҳои манфии гендерӣ мебошад.

**Таҳаммулнопазирии қатъӣ ва ногузирии ҷазо барои ЗШГ** – рад намудани омилҳои нармкунанда, ҷазо додан барои ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ё ҷиноят, ҳуқуқпоймолкунӣ ва зӯроварӣ нисбати занону духтарон, аз ҷумла нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи занону духтароне, ки дучори ҳуқуқпоймолкунии чандтарафа гардидаанд (занону духтарони гирифтори ВНМО, занону духтарони дорои маъюбият, занону духтарон аз деҳот, занони маҳбус, занони маҳбуси собиқ ва дигарон).

Қолабҳо, аз як тараф, маҳсули иҷтимоишавии (сотсиализатсияи) фард мебошанд, ки дар рафти он атрофиён тасаввуротро дар бораи оламиатроф, дар бораи нақши мардҳо ва занҳо ташаккул медиҳанд, аз тарафи дигар – ба рафтори ӯ таъсир мерасонанд. Тағйирёбии рафтор натиҷаи тағйирёбии тасаввурот дар бораи олами атроф мебошад. Дар айни замон ба меъёрҳои иҷтимоӣ низ диққат додан лозим аст, яъне ба он ки ҷомеа чиро «маъқул медонад» ва чиро «рад мекунад».

Ба таври дигар гӯем, тағйирёбии қолабҳои манфии гендерӣ бояд якҷоя бо ташаккулёбии таҳаммулнопазирии қатъӣ дар ҷомеа нисбати ЗШГ ҷараён ёбад, вақте ки ҳама гуна зуҳуроти рафтори зӯроварона аз тарафи ҷомеа сарзаниш ва маҳкум карда мешавад, дар сатҳи қонунгузорӣ бошад, барои ин ҷазо дода мешавад.

## V. Вазифаҳо барои ба даст овардани ҳадафи стратегӣ

Барои ба даст овардани ҳадафи стратегӣ Вазифаҳои зерин муайян карда шуданд, ки чорабиниҳои махсусро дар вазъиятҳои ғайристандартӣ дар бар мегиранд:

**Вазифаи 1.** Пурзӯр намудани таъсири ТҶШ ба раванди қабули қарорҳо оид ба пешгирии ЗШГ ва ҳимояи ҷабрдидагон;

**Вазифаи 2.** Мусоидат ба бартарафсозии қолабҳои манфие, ки боиси ЗШГ нисбати ҳамаи занону духтарон, аз ҷумла занону духтароне, ки дар байни аҳолӣ дучори ҳуқуқпоймолкунии чандтарафа мегарданд, аз ҷумла намояндагони мақомоти давлатӣ.

Ҳар як вазифа самтҳои фаъолияти худро дорад, ки онҳо аз чорабиниҳои мушаххаси андозашаванда иборатанд. Дар натиҷа, чорабиниҳои мазкур бояд ТҶШ-ро барои ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас, ки ба сифати вазифаҳои Стратегия муайян карда шудаанд, таҳрик намоянд.

Ҳангоми таҳия намудани Нақшаи амалиёт чорабиниҳо аз рӯйи муҳлати иҷро ба кӯтоҳмуҳлат – 1 сол ва миёнамуҳлат – 3 сол тақсим карда шуданд. Нақшаи чорабиниҳо ба сифати ҳуҷҷати алоҳида пешниҳод гардидааст.

### 5.1 Вазифаи 1. Тақвияти таъсири ТҶШ ба равандҳои қабули қарорҳо барои пешгирии ЗШГ ва ҳимояи ҷабрдидагон

Сарфи назар аз он, ки ТҶШ дар соҳаи мубориза бо зӯроварӣ аз рӯйи ҷинс фаъолона кор мекунанд, чи тавре, ки дар Мулоҳизаҳои хотимавии КБҲЗ оид ба Маърӯзаи шашуми Тоҷикистон аз моҳи октябри соли 2018 қайд карда шудааст, онҳо дар равандҳои сиёсӣ ва қабули қарорҳо дар соҳаи ЗШГ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. ТҶШ-ро ба муҳокимаҳои парламентии лоиҳаҳои қонунҳо ба Парламенти Тоҷикистон даъват намекунанд, гарчанде дар Регламенти Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ гуфта шудааст, ки муҳокимаҳои парламентӣ ба таври кушод бояд гузаронида шаванд (моддаи 84).

Номукаммалии худи қонунгузорӣ дар бораи ЗШГ, вуҷуд надоштани усулҳои ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи ЗШГ бо иштироки намояндагони ТҶШ, ки дар он ТҶШ овози мутамаркази худро дода метавонистанд, ҳассосияти пасти гендерии мақомоти давлатӣ, ки вазифадоранд ба ЗШГ вокуниш нишон диҳанд, ба амалисозии ҳадафи умумии

стратегия: ташаккул додани таҳаммулнопазирии қатъӣ ба ҳуқуқпоймолкунӣ ва зӯроварӣ нисбати ҳамаи занону духтарон дар ҷомеа мусоидат намекунад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, барои иҷрои вазифаҳои мазкур самтҳои зерини фаъолият интихоб карда шуданд.

### Самтҳои фаъолият барои иҷрои Вазифаи 1

1.1. Баланд бардоштани нерӯи ниҳодии ТҶШ барои фаъолона ҳамроҳ шудан ба раванди қабули қарорҳо дар соҳаи зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ.

1.2. Таблиғи (адвокатсияи) такмил додани қонунгузорӣ ва заминаҳои меъёрӣ бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои ТҶШ дар масъалаи қабули қарорҳо.

1.3. Таҳкими ҳамоҳангсозии байни институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин ТҶШ бо дигар иштирокчиёни асосӣ.

## 5.2 Вазифаи 2 Мусоидат ба бартарафсозии қолабҳои манфие, ки боиси ЗШГ нисбати ҳамаи занону духтарон, аз ҷумла занону духтароне, ки дар байни аҳолӣ дучори ҳуқуқпоймолкунии чандтарафа мегарданд, аз ҷумла намояндагони мақомоти давлатӣ.

Зиёда аз 20 сол аст, ки иштирокчиёни асосӣ – ҳам давлат ва ҳам ТҶШ – саъю кӯшиши худро ба мубориза бар зидди зӯроварӣ нисбати занону духтарон равона месозанд. Аммо, ба назари мо, дар сурати тағйир додани қолабҳои манфии гендерӣ самаранокии фаъолият афзоиш ёфта метавонад.

Ҳодисаҳои ЗШГ, хусусан нисбати духтарон, дар ду соли охир ҷомеаи Тоҷикистонро сахт ба ташвиш оварда, бори дигар далели он гардиданд, ки барои мубориза бо ЗШГ ҳамаи тарафҳои калидии манфиатдор – ҳам давлат ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд саъю кӯшиши худро муттаҳид созанд. КБҲЗ дар тавсияҳои худ диққати давлатҳои иштирокчиро ба он ҷалб менамояд, ки асоси ЗШГ-ро қолабҳои гендерӣ ташкил медиҳанд.

- Кумитаи КБҲЗ қайд менамояд, ки муносибати анъанавӣ нисбати занон, ки мувофиқи он занҳо бояд тобеи мардҳо бошанд, ба паҳншавии ҳодисаҳои зӯроварӣ ва маҷбурсозӣ мусоидат мекунад.
- Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Кумитаи КБҲЗ қайд намуданд, ки намудҳои фалокатовари ин амалҳо гуногунҷанба буда, нақшҳои қолабии ҷинсӣ ва гендериро дар бар мегиранд.
- Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбати занон ва Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои мустақилияти судяҳо ва адвокатҳо таъкид намуданд, ки тафтиши ҳодисаҳои зӯроварӣ ва ҷазодиҳӣ ба ҷинояткорон ба тасаввуроту қолабҳои падаршоҳӣ такя мекунанд, ки ба холисият ва беғаразии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд[31]

Ба фикри мо, кори тағйир додани қолабҳои гендерӣ самтҳои зерини фаъолияти ТҶШ-ро дар бар мегирад

### Самтҳои фаъолият барои иҷрои Вазифаи 2

[31] Қолабҳои гендерӣ/ташаккулёбии қолабҳо ва ҳуқуқҳои занон. https://www.ohchr.org/Documents/Issues/Women/WRGS/OnePagers/Gender_stereotyping_ru.pdf

2.1. Ба роҳ мондани робитаи самарабахши байни ТҶШ бо мақсади муттаҳид намудани саъю кӯшиш ва ташаккул додани муносибати ягона дар кор бо тарафҳои манфиатдори асосӣ (сохторҳои давлатӣ, аҳолӣ, ВАО) барои тағйир додани қолабҳои гендерӣ

2.2. Таҳияи Барномаҳо/лоиҳаҳо барои кор дар байни иштирокчиёни асосӣ, аз ҷумла дар байни аҳолӣ, ҷиҳати тағйир додани ақида ва шаклҳои рафторе, ки ЗШГ-ро нисбати ҳамаи занону духтарон, аз ҷумла занону духтароне, ки дучори ҳуқуқпоймолкунии чандинтарафа мегарданд, ҳақ мешуморанд.

## VI. Нақши ТҶШ дар иҷрои Стратегия

Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандие, ки дар самтҳои гуногуни ЗШГ кор мекунанд, дар давраи фаъолияти худ донишу таҷрибаи зиёде андӯхтанд, аз ҷумла дар масъалаҳои таблиғоти Қонунҳо ва СМҲ-и дахлдор, хизматрасонӣ ба ҷабрдидагони ЗШГ, инчунин кор бо ҷомеаҳо. Ҳамзамон баъзе ТҶШ дар иттифоқҳо/шабакаҳои ғайрирасмӣ (ниг. Расми 1) муттаҳид гардидаанд, аз ҷумла дар инҳо:

- Иттифоқи ТҶ «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ»;
- Иттифоқи мубориза бо шиканҷа ва беҷазоӣ;
- Шабакаи занони дорои маъюбият;
- Шабакаи ТҶШ «Волояти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ»;
- Шабакаи Тоҷикистонии «Занони гирифтори ВНМО».

Дар айни ҳол ТҶШ-е зикр карда мешаванд, ки ба якчанд иттифоқ/шабака шомил мебошанд ё ба ягонтои онҳо шомил нестанд. Ҷанбаи қавии чунин иттифоқҳо (Иттифоқҳо/шабакаҳо) аз он иборат аст, ки онҳо ба аъзоёни худ дар гузарондани экспертизаҳо ёрӣ мерасонанд. Дар натиҷа ин ба ТҶШ имкон медиҳад, ки барои ба даст овардани ҳадафи стратегии гузошташуда самараноктар ҷидду ҷаҳд намоянд.

Стратегияи мазкур барои ТҶШ дар муборизаашон бар зидди қолабҳои манфии гендерӣ ва ЗШГ роҳнамо хоҳад гашт.

**Расми 2.** ***Шабакаҳои амалкунандае, ки ТҶШ-ро муттаҳид менамоянд***




Ба фикри иштирокчиёни Стратегия, ки дар вохӯрӣ ҳузур доштанд, барои ҳамоҳангсозии фаъолият Шӯрои Ҳамоҳангсозие ташкил кардан лозим аст, ки намояндагони иттиҳодияҳо (Иттифоқҳо/Шабакаҳо), инчунин намояндагони ТҶШ-ро аз вилоятҳо – иштирокчиёни Стратегияро дар бар гирад.

**Расми 3.** ***Намояндагии ТҶШ дар Шӯрои Ҳамоҳангсозӣ***




Азбаски мақоми олии роҳбарикунанда маҷлиси умумии иштирокчиёни Шабака мебошад, тавсия дода мешавад, ки воҳӯрии иштирокчиён соле камаш як маротиба гузаронида шавад. Вазифаи воҳӯрии якум муайян кардани роҳҳои таъсиррасонӣ ба ҳамдигар ва ҷойивазкунии намояндагони ТҶШ дар Шӯрои Ҳамоҳангсозӣ мебошад. Дар Шӯрои Ҳамоҳангсозӣ интихоб намудани Котиб, ки вазифаҳои маъмурӣ ва техникиро ҷиҳати амалисозии Стратегия иҷро мекунад, ба мақсад мувофиқ аст.

## VII. Устуворӣ ва рушд

Асоси ҷомеаи шаҳрвандии қавиро устувории он ташкил медиҳад. Зери ин мафҳум мо устувории донишҳо ва таҷрибаи кор, инчунин устувории молиявиро дар назар дорем. Ин Стратегия як қатор омилҳоеро пешбинӣ менамояд, ки барои устуворӣ асос шуда метавонанд. Омилҳои мазкур дар чаҳорчӯбаи Стратегия барои соли якум дар Вазифаи 1 пешбинӣ шудаанд. Онҳо баланд бардоштани нерӯи институтсионалии ТҶШ-ро пешбинӣ намуда, як қатор фаъолиятро дар бар мегиранд:

- Мубодилаи таҷриба дар байни ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар ин маврид ТҶШ-и дорои дониш, таҷриба ва обрӯ ба рушди ташкилотҳои ҷавони нав мусоидат менамоянд;
- Ташкили Махзани дониш дар шакли онлайн низ ба баланд бардоштани нерӯ, нигоҳ доштани таҷрибаи мусбии андӯхташуда, инкишоф додан ва ба дигарон омӯзондани он мусоидат карда метавонад.

Кор бо аҳли ҷомеа, ки инҳоро дар бар мегирад, хеле муҳим аст:

- Рушди ҳаракати волонтёрӣ
- Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ.




Нақшаи амалиёт оид ба иҷрои Стратегия бо нишон додани:

- · Муҳлати иҷро;
- · Механизмҳо ва нишондиҳандаҳои дастовардҳо

ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида таҳия карда шудааст.